Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 98 (4518) | ДУШАНБЕ, 8 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## САФАРИ КОРИИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БА ВИЛОЯТҲОИ ХАТЛОНУ СУҒД

**Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6 августи соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ба ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон сафар кард.**

Дар сафар Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзодаро раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода ҳамроҳӣ намуданд.

Маҳмадтоир Зокирзода аз маданияти истифодаи замини наздиҳавлигии сокини ноҳия Маҳмадулло Давлатов боздид карда, бо шароити рӯзгор ва захираи маҳсулоти кишоварзии ин оила шинос шуд.

Ҳамчунин, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кооперативи тиҷоратии «Эмоми Аъзам» бо фаъолияти он ошноӣ пайдо кард. Самти асосии фаъолияти хоҷагӣ парвариши маҳсулоти барвақтӣ буда, дар 1,2 гектар 20 гамрхонаи доимоамалкунанда ташкил шудааст. Кооператив дар 16,3 гектар замин таъсис ёфта, 20 сокини маҳаллиро бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин намудааст.

**Сипас, дар толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён мулоқот бо фаъолони ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Дӯстӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ баргузор гардид.**

Маҳмадтоир Зокирзода оид ба талошу ҷонбозиҳои Президенти мамлакат дар давраҳои вазнини аввали соҳибистиқлолӣ, баргардонидани гурезаҳо ба Ватан, аҳамияти таърихӣ доштани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, таҳкими давлату давлатдорӣ, беҳдошти рӯзгори мардум, волоияти қонун, ваҳдати миллӣ ва қабули Конститутсияву зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он изҳори назар кард.

Чанде аз фаъолону сокинони ноҳияҳои зикршуда баромад карда, миннатдории хешро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён карданд.

**Мулоқоти Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар Қасри фарҳанги шаҳри Исфара бо фаъолони шаҳру ноҳияҳои Исфараю Конибодом, Ашт ва Бобоҷон Ғафуров баргузор гардид.**

Маҳмадтоир Зокирзода дар суханронии хеш аз таърихи дирӯзу имрӯзи кишвар ёдовар шуда, гуфт, ки дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, бо интихоби фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маснади Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи сулҳи тоҷикон гузошта шуд.

Дар идомаи суханронӣ Маҳмадтоир Зокирзода аз мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони вилоят, шаҳру навоҳӣ ва сохторҳои дахлдори кишвар, ки 12 июн дар ноҳияи Данғара баргузор гардида буд, ёдовар шуд.

- Замони ҷанги шаҳрвандӣ дар водии Вахш аз норасоии нон мардум маҷбур шуда буданд, кунҷораро тановул кунанд, ки оқибат ба бемориҳои гуногуни сироятӣ гирифтор шуданд. Хушбахтона, ба шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазниниҳо паси сар шуданд, - афзуд Раиси Маҷлиси намояндагон.

Сипас, Маҳмадтоир Зокирзода дар бобати таърихи қабули аввалин Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ, зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он, таъсиси парлумони касбии дупалатагӣ, фаъолияти он дар ин солҳо бо истинод ба далелҳо ҳарф зад.

Муроҷиати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ба ҷавонон басо муассир буд:

- Шумо, насли ҷавон бояд шукронаи зиндагии имрӯзаро кунед, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини ҳаёти осудаи халқ, хоса ояндаи шумо ҷавонон, заҳматҳои зиёд мекашанд. Мо насли шӯравӣ ҳастем ва чун имрӯз зиндагиро бо он замон муқоиса мекунем, фарқ аз замин то осмон аст. Пешвои миллат ба мардум бо фармони худ «заминҳои президентӣ» тақсим карданд, ки то халқ бемалол киштукор ва рӯзгорашро obод кунад. Бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳед. Ғаюр бошед, Ватанро сидқан дӯст доред.

Бо истифода аз ҳузури насли калонсол, хусусан омӯзгорон, бо арзи эҳтиром хоҳиш гардид, ки ба насли ҷавон аз он рӯзҳои вазнин ёдовар шаванд, то гумроҳ нагарданд.

Иштирокчиёни ҷаласа - раиси Ҷамоати деҳоти «Ворух»-и шаҳри Исфара Меҳринисо Раҳматова, сардори МТМУ №14-и ноҳияи ба номи Бобоҷон Ғафуров Холида Аҳмадова, сармутахассиси шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ашт Мавҷуда Юлдошева, муовини раиси ҲХДТ дар шаҳри Конибодом Фирӯза Шерматова суханронӣ ва дархосту пешниҳодашонро ироа карданд.

Дар мулоқот Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзодаро вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавзуна Шамсиддинзода, Муҷиба Ҷавҳарӣ, Раҷабзода Равшан Муҳиддин, Мирзозода Мавлуда Зайнӣ, Мирзоанвар Аҳмедов ва Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин ҳамроҳӣ намуданд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

Қонун ва иҷрои он

## БАРАКАТИ ЗИНДАГӢ АЗ ТАНЗИМИ РАСМУ ОИН АСТ

**Яке аз унсурҳои ҷомеаи қонунмеҳвару ҳуқуқбунёд таҳияву қабули қонунҳо ба ҳисоб рафта, татбиқи онҳо ҳаёти ҷомеаро ба низом медарорад. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо қонуни наву мукаммал таҳия ва қабул гардиданд, ки барои зиндагии босаодати сокинон нигаронида шуданд. Дар баробари ин, ба чандин қонунҳои дигари амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки пас аз ҷонибдорӣ ёфтанашон аз тарафи аъзои Маҷлиси миллӣ, ба онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имзо гузошта, мавриди амал қарор гирифтанд. Ҳамаи ин ба хотири беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи арзишҳои миллӣ, фаъолияти бонизоми ташкилоту идораҳо, рушди ҷомеа ва волоияти қонун дар мамлакат амалӣ карда шуданд.**

Зимнан, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат қабули ду қонуни миллӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз ташаббусҳои неку созандаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Ҳар ду қонун ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, ба хотири зиндагии беҳтар, фардои дурахшони аҳли ҷомеаи кишвар таҳияву қабул гаштаанд. Чунончи, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифаву уҳдадориҳои волидонро муайян сохта, водор месозад, ки онҳо назорати тарбияи фарзандонро ҷиддӣ ба зимма дошта, дар таълими сифатноки онҳо низ масъулият эҳсос намоянд. Инчунин, фарзандонро дуруст, солиму афроди барои ҷомеа фоиданок ба камол расонанд. Агар як паҳлуи ин масъала фардӣ бошаду ба худи фарзандон ва ояндаи онҳо тааллуқ гирад, ҷанбаи дигар барои ояндаи неки ҷомеаву давлат аст, зеро хурдсолони имрӯза солмандони фардо хоҳанд шуд. Бинобар ин, тарбияи дурусту ташаккули солим, дар маҷмӯъ инсони комил гардидани онҳо, ҷомеаро ба саодату шукуфоиҳо мерасонад.

Қонуни дигаре, ки ба мардум рифоҳу саодат овард, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Он аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтанаш боис ба фароҳам шудани файзу баракат гардида, барои пешрафти зиндагӣ ва беҳдошти сатҳи некуаҳволии мардум саҳми назаррас гузошт ва бо мавриди амал қарор гирифтанаш тавонист сатҳи камбизоатиро дар мамлакат ба маротиб коҳиш диҳад. Ба далели он ки то қабули қонуни зикршуда сокинони мамлакат дар баргузории тӯю маъракаҳои хурсандӣ ва азодорӣ харҷу сарфи зиёди беҳуда мекарданд. Дар натиҷа ба иқтисоди хонаводаҳо зарбаи калон мерасид.

Бешак, то қабули қонуни мазкур баргузории тӯю маъракаҳо ба мусобиқаи бемаънии ҳамсояҳо ва хешу ақрабо табдил ёфта буд, ки ҳар як нафар мехост бо сарфи маблағи зиёд аз ёру бародар, дӯсту ҳамкор ва ҳамсояву хешу табор қафо намонад ва тӯю маъракаҳоро бо зиёдаравӣ барпо мекарданд. Вале ин ҳама сарфи беҳуда на ба беҳдошти зиндагии мардум мусоидат менамуд, балки иқтисоди хонаводагиро касод ва ба баъзе оилаҳо зиндагии мушкилу носолимро солҳои зиёд ҳамроҳ мекард.

Тӯю маъракаҳои хурсандӣ як тараф истад, ҳатто пурдабдабаю серхарҷ гузаронидани маъракаи азодорӣ ба мусобиқаи бемаънии сокинон табдил ёфта, сарфу харҷ аз рӯзи дафн оғоз мегардид. Ин амал на танҳо дар рӯзи фавти шахс ҳатто дар серӯзагӣ, ҳафтрӯзагӣ, бистрӯзагӣ, чилрӯзагӣ ва сари соли шахси фавтида идома меёфт. Барои баргузории маъракаи азодорӣ маблағи зиёди шаҳрвандон беҳуда сарф мегардид. Беҳуда ба он хотир, ки дар баргузории маъракаҳо ҳеҷ кас ғолиб ҳам намешуд ва ба касе ҳам инъом намедоданд. Ҳамаи ин барои қонеъ гардонидани нафс буду барои «шикастан»-и миёни шахси азодор. Ин ҳама ҳараҷу мараҷ дар як ё ду рӯз амалӣ мешуд, вале шахси азодорро ба солҳои тӯлонӣ вомдору варшикаста менамуд.

Мутаассифона, чунин зиёдаравӣ, балки бенизомӣ дар рӯзи таваллуд, арӯсбинону домодталбон ҳоҷиталбону гаҳворабандон ва дигар маъракаҳои бемаънӣ ба назар мерасид. Агар як нафар рӯзи таваллудашро дар хона бо иштироки ёру дӯстон ва наздиконаш мегузаронд, ҳамсоя қафо намонам гуфта, зодрӯзашро бо иштироки хешу табор ва даъвати сарояндагон ва истифодаи садоафзо дар саҳни ҳавлиаш мегузаронду шахсони зиёдро ҷамъ мекард, то ки садои чангу доира дар миқёси деҳа танинандоз гардаду мардум таърифу тавсиф кунанд. Аммо баъди ин амалҳо ҳамсояи дигар бинобар худнамоӣ барои баргузории зодрӯзаш нақша мекашиду рӯзи таваллудашро дар тарабхона бо харҷи зиёд дар сатҳи баргузории тӯи домодиву арӯсӣ барпо мекард.

Чунин зиёдаравиву худнамоии шаҳрвандон қариб дар ҳама маъракаҳои мардумӣ дида мешуд, ки барои қариб 90-95 фоизи сокинон қобили қабул набуду харҷи миёншикан дошт.

Хушбахтона, бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид, дар баргузории маъракаҳо назму тартиб ҷорӣ шуд.

Муҳимтар аз ҳама, таҳия ва қабули қонуни мазкур тавонист сатҳи зиндагии мардумро ба маротиб боло барад ва имкон фароҳам оварад, ки сокинон маблағашонро дар корҳои фоиданок сарф намоянд.

Аммо, бо вуҷуди қонуни танзимгар ва сабукиоваранда будани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», вақтҳои охир ба назар мерасад, ки хилофи он амал кардан дар баъзе аз гӯшаву канори мамлакат ҷой дорад. Барои мисол, таи шаш моҳи аввали соли равон комиссияҳои доимии танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз ҷараёни баргузории маъракаҳо 11 ҳазору 348 адад корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе - 1911, ВМКБ - 54, вилояти Суғд - 1681, вилояти Хатлон - 4 ҳазору 45, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3657 санҷиш гузарониданд.

Ҳангоми баргузории санҷишҳо 416 ҳолати қонуншиканӣ вобаста ба вайрон намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 58 ҳолат зиёд мебошад.

Бино ба маълумоти Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар рафти санҷишҳои баргузоршуда дар шаҳри Душанбе 50 ҳолат, ВМКБ - 8, вилояти Суғд - 127, вилояти Хатлон - 165 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 66 ҳолати қонуншиканӣ вобаста ба вайрон намудани талаботи қонуни зикршуда ба қайд гирифта шудааст.

Рақамҳо баёнгари онанд, ки ҳанӯз ҳам нафароне ҳастанд, ки муқаррароти қонунро нодида мегиранд. Ба хотири шодии якрӯза хароҷоти беҳудаи барзиёд мекунанд. Аз ҳама бадтар он аст, ки ба дигарон – ёру ҳамсояҳо, хешу ақрабо намунаи бад мешаванд.

Албатта, ин ҷиҳат паҳлуи дигари масъаларо низ равшан месозад: Бархе аз масъулини назораткунандаи танзими расму оин дар маҳалҳо дуруст кор накарда, вазифаи худро саҳлангорона иҷро менамоянд, ки мутаассифона, аз ин бемасъулиятӣ қонуншиканӣ ривоҷ меёбад.

**АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло,**
**«Садои мардум»**

Роғун – арсаи нанг

## ҶАРОҒИСТОНИ БУЗУРГИ МИЛЛАТ ВА САРИ БАЛАНДУ РӮИ СУРХИ ҲАР ЯК ФАРДИ ВАТАН

**Чанд вақт аст, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар сархати хабарҳои воситаҳои ахбори омма қарор дорад. Аслан, бо назардошти моҳияташ ин мавзӯъ барои аҳли қалам бояд ҳамеша мубраму афзалиятнок бошад.**



Дар робита ба ин, 13 июли соли 2022, зимни суханронӣ дар мулоқот бо сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва фаъолони шаҳри Роғун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд: «Вазорати фарҳанг, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагон ва дигар иттифоқҳои эҷодӣ доир ба ташкили воҳӯриҳо, чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ, инъикоси фаъолияти коргарону мутахассисони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва эҷоди асарҳои адабӣ дар бораи қаҳрамонони заҳмати созандаву ватандӯстона, яъне бунёдкорони иншооти бузурги аср, мунтазам чораҷӯӣ намоянд ва дар ин самт ташаббускору фаъол бошанд».

### НБО «РОҒУН» ТОҶИКИСТОНРО ШУҲРАИ ОЛАМ КАРД

Чун сухан дар бораи ин неругоҳ равад, завраќи хотирот маро ба гузаштаи начандон дур - 16 ноябри соли 2018 мебарад. Ифтихормандам, ки дар он рӯзи фаромӯшнопазир ҳамроҳ бо ҳазорҳо нафар дар маросими ба кор даровардани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» иштирок доштам.

Барои иштирок дар он рӯйдоди таърихӣ намояндагони воломақоми кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Италия, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Беларус, Украина, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, дигар давлатҳо ва ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ба шарофати он шоҳкорӣ кишвари мо ба маънои томаш шуҳраи олам гардид. Аз шабакаи «Ал-ҷазира»-и муътабар то «Евронюс»-и оламгир, агентиҳои иттилоотии бонуфузи байналмилалӣ аз Амрико, Италия, Олмон, Россия, Япония, Британияи Кабир, Хитой, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон - ҷамъ 200 журналист дар бораи ин Кохи нур ва иродаву матонати меъмори он Абармарди олами сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузориш доданд.

Ҷанбаи дигари муҳим он аст, ки дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» шахсиятҳои муътабари ҷаҳонӣ - ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллер ва муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Италия Манлио Ди Стефано суханронӣ ва таъкид карданд, ки ибтикори Сарвари давлати Тоҷикистон вобаста ба бунёди НБО «Роғун» истеъдоди камназири кишвардорӣ, муҳаббати бепоён ба халқу Ватан ва талош барои зиндагии беҳтару шоистаи мардум мебошад, ки на фақат истиқлолияти энергетикии мамлакатро таъмин мекунад, дар иқтисодиёти миллӣ ҷаҳишу пешрафтҳои беназирро ба амал меоварад, балки ба сифати ғояи ҳаётбахши умумимиллӣ ваҳдату иттиҳоди халқи Тоҷикистонро аз азамату пойдории бештар бархӯрдор менамояд.

То ҳанӯз пеши назарам лаҳзаи таърихӣ - бо пахши васлак ба истифода додани хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ-и «Душанбе - Роғун» аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки орзуву омоли деринаи миллати тоҷикро ҷомаи амал пӯшонид, ҳувайдост.

### ДОНО ВА БА ГУФТАН ДАЛЕРУ ТАВОНО

Бе муболиға, ин сарлавҳа, қисме аз он баргирифта аз ашъори Фирдавсии бузургвор мебошад, ки қодир аст ҷаҳду талош ва садоқату самимияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар робита ба истодагарӣ дар бунёди НБО «Роғун» бозгӯӣ намояд. Шоҳид будем, ки Роҳбари мамлакат дар мулоқотҳои дуҷониба бо роҳбарони давлатҳо ва нишасту ҳамоишҳои бисёрҷонибаи сатҳи баланди созмонҳои байналмилалӣ - Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои марбутаи он, Иттиҳоди Аврупо ва сохторҳои дахлдораш, Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки осиёии рушд, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО), Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун»-ро муаррифӣ намуда, таъкид карданд, ки ҳалли дурусти мушкилоти норасоии неруи барқ дар минтақа тавассути ба роҳ мондани истифодаи босамари захираҳои обӣ, бахусус, сохтмони неругоҳи бузурги барқи обӣ ва кам кардани талафоти бесобиқаи об дар соҳаи кишоварзӣ, имконпазир аст.

Гузориши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Копенгаген бо ҳузури сарварони бисёре аз давлатҳои ҷаҳон бори дигар исбот намуд, ки дар ҳақиқат бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» на танҳо барои ҳалли мушкилоти энергетикии Тоҷикистону минтақа, балки барои беҳдошти иқлими ҷаҳонӣ аҳамияти бузург дорад. Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба аҳамияти НБО «Роғун» боис шуд, ки ин андеша аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид далели муътамад арзёбӣ гардад. Идомаи мантиқии масъала тасдиқи тадбирҳои барномаи ҷаҳонии «Об - барои ҳаёт» буд, ки дар ин замина аз ҷониби СММ соли 2010 шаҳри Душанбе макони баргузории ҳамоиши ҷаҳонии марбут ба об интихоб гардид. Қобили зикр аст, ки маҳз ба шарофати ҳуҷҷати қабулнамудаи байналмилалӣ Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ шуд.

(Давомаш дар саҳ. 3)




**Нишондиҳандаи рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти ВМКБ дар давраи ҳисоботӣ қаноатбахш арзёбӣ шуда, 809 миллиону 100 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба маблағи 12 миллиону 900 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Мутаносибан, дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳиссаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 9,5 фоиз, кишоварзӣ - 18,2, сохтмон - 23,7, таъминоти иҷтимоӣ - 28,7, самти хизматрасонӣ - 12,7 ва дигар самтҳо 3,8 фоизро ташкил медиҳанд.**

Дар ин бора раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

## ВМКБ: ДАР ДОИРАИ 35 – СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ 876 ИНШООТ БУНЁД МЕШАВАНД



Мувофиқи тавзеҳоти раиси вилоят, нақшаи қисми даромади буҷети ВМКБ ба андозаи 105,6 фоиз иҷро гардида, ба ҷои 59 миллиону 300 ҳазор сомонии пешбинишуда ба буҷет 62 миллиону 600 ҳазор сомонӣ ворид шуд.

Ба гуфтаи раиси вилоят, дар ин давра ба рушди соҳаи соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд. Дар вилоят 2 309 соҳибкори инфиродӣ тариқи патент ва 1264 соҳибкор бо шаҳодатномаи андозбандӣ ҷалб шуда, аз ҳисоби онҳо маблағи 3 миллиону 261 ҳазору 600 сомонӣ ба буҷет ворид гардид. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 77 миллиону 300 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 бо нархҳои муқоисавӣ 25,6 фоиз кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим нисбат ба соли 2021 афзоиш ва дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон ва Мурғоб коҳиш ёфтааст.

- Шумораи корхонаҳои саноатии вилоят соли 2014 - ум 24 ададро ташкил медод, ҳоло бошад, ба 65 адад расонида шудааст.

Тибқи нақшаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, соли 2022 бунёди 30 корхонаву коргоҳи истеҳсолӣ бо фароҳам овардани 407 ҷои нави кор ба нақша гирифта шудааст. Дар шаш моҳи аввали соли 2022-юм 10 корхонаву коргоҳи саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Амалӣ намудани лоиҳаҳо, ҷалби сармоя ва кор бо барномаҳои гуногун дар мадди назари роҳбарият қарор дошта, дар чорчӯбаи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ барои солҳои 2021-2025», ки 135 лоиҳаро дар бар мегирад, маблағи умумии 4 миллиарду 759 миллиону 100 ҳазор сомонӣ бояд ҷалб карда шавад.

Барои таъмири роҳҳои автомобилгард дар шаш моҳи аввали соли 2022 маблағи 1 миллиону 385 ҳазору 500 сомонӣ ҷудо гардид. Дар ин давра, пас аз таҷдид, қисмати роҳи автомобилгарди Ёгед то Қалъаи Хумб ба масофаи 25,6 километр бо арзиши харҷномавии 31 миллиону 200 ҳазор доллари ИМА мавриди истифода қарор дода шуд. Инчунин, сохтмони 17 кӯпрук аз ҳисоби Вазорати нақлиёт ва Бонки ҷаҳонӣ бо арзиши лоиҳавии 20 миллиону 444 ҳазор доллари ИМА дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон ва Мурғоб идома дошта, моҳи июли соли равон 84,5 фоиз корҳои сохтмонӣ амалӣ гардиданд.

Раиси ВМКБ иброз дошт, ки ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ нақшаи чорабиниҳо ба тасвиб расида, дар доираи он сохтмони 876 иншооти гуногун ба нақша гирифта шудааст.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

## ЧАРО ИМСОЛ ТЕЪДОДИ ДОВТАЛАБОНУ ДОНИШҶӮЁН КАМ ШУД?



**- Таи ду соли охир шумораи довталабон ба макотиби олӣ кам гардидааст. Бо сабаби бемории COVID-19 соли 2020 ҷавонон ба донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ дохил шуда наметавонистанд. Соли гузашта ва имсол, ки сарҳадҳо кушода шуданд, сафи довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ аз ҳисоби ҷавонони тоҷик афзуд, - иброз намуд зимни нишасти матбуотӣ директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Ҷаъфарзода.**

Иттилоъ дода шуд, ки шумораи умумии довталабони макотиби олӣ дар кишвар соли 2022-юм 82 ҳазору 718 нафарро ташкил дод, ки ин шумора нисбат ба соли 2021-ум 8813 нафар (9,63 фоиз) ва назар ба соли 2020-ум 17 ҳазору 680 нафар (17,61 фоиз) кам аст.

Аз шумораи умумии довталабон имсол танҳо 57 ҳазору 988 нафар ҳуқуқи таҳсил дар донишгоҳҳои кишварро пайдо карданд. Дар ҳамин ҳол, 22 ҳазору 470 довталаб натавонистанд аз озмуни тақсимот гузаранд.

Соли 2022 низ, монанди солҳои қаблӣ, шумораи бештари довталабон гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум (тиб, биология ва варзиш)-ро интихоб карданд, ки ба 122,15 фоизи нақшаи қабул баробар аст.

Тибқи ҳисоботи оморӣ, аз рӯи интихоби бештар дар ҷои дуюм гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум (ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ) бо 101,67 фоиз, дар ҷои сеюм гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм 100,7 фоиз, дар ҷои чорум гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм (иқтисод ва география) бо 64,76 фоизи нақшаи қабул қарор доранд.

Дар муқоиса бо нақшаи қабули донишҷӯён дар соли 2022 шумораи камтарини довталабони номнависшуда ба гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум (табиӣ ва техникӣ) рост меояд, ки он ба 50 фоизи ҷойҳои нақшавии гурӯҳ баробар аст.

Ҳамчунин, довталабоне, ки дар даври асосии тақсимот аз рӯзи интихобашон унвони донишҷӯро нагирифтанд, имкон доранд аз 12 то 15 август дар марҳилаи нави азнавбақайдгирӣ барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ иштирок намоянд.

Гуфта мешавад, ки дар озмуни тақсимоти такрорӣ довталаб аз рӯи балҳои бадастовардааш ба гурӯҳи ихтисоси такрории интихобнамудааш номнавис карда мешавад.

Озмуни тақсимоти такрорӣ аз рӯи ҷойҳое, ки тибқи нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баъд аз озмуни тақсимоти асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар соли 2022 холӣ мондаанд, ба роҳ монда мешавад.

Аз Маркази миллии тестӣ иттилоъ доданд, ки пас аз даври озмуни тақсимоти такрорӣ шумораи пурраи довталабони ба мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ шомилшударо дар соли 2022 нашр менамоянд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## НОСИРИ ХУСРАВ: РАИСИ НОҲИЯ КОРХОНАИ РАВҒАНБАРОРӢ МЕСОЗАД



**Раиси ноҳияи Носири Хусрав Маҳмадаюб Шарифзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар ноҳия корхонаи равғанбарорӣ бунёд карда мешавад.**

Зикр гардид, ки чанд маротиба ба соҳибкорон дар хусуси бунёди чунин корхона пешниҳод карда шуд, аммо бо сабаби ноҳияи дурдаст будан соҳибкорон пешниҳодро дастгирӣ накарданд. Аз ин хотир, худи раиси ноҳия тасмим гирифтааст, ки корхонаро бунёд кунад.

Ҳамчунин, дар ноҳия то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёди 102 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин шумора 20 ададаш коргоҳу корхонаи саноатист.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## ҲАРАКАТИ ҚАТОРА БА РОССИЯ АЗ 16 АВГУСТ ОҒОЗ МЕШАВАД

**Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим 5-уми августи соли равон дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки аз 16-уми август ҳаракати қатораи мусофиркаш ба самти Кӯлоб-Волгоград (3367 километр) оғоз меёбад. Мусофиркашонӣ тавассути хатсайри Душанбе- Волгоград (3111 километр) 27-уми август ва Хуҷанд- Волгоград (2852 километр) 7- уми сентябр оғоз меёбад.**

Ҳоло вобаста ба муайян кардани нархи чиптаҳо корҳо идома дошта, дар наздиктарин фурсат эълон карда мешавад.



- Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни мулоқоту гуфтушунидҳо бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев 20 июни соли равон ҳаракати қатораи мусофирбарии Душанбе - Тошканд пас аз 30 сол барқарор гардид. То ин дам 906 мусофир аз хизматрасонии хатсайри мазкур истифода намуданд, - гуфт номбурда.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 ба Ҳукумати мамлакат дастур доданд, ки ҷиҳати тадриҷан муҳайё сохтани инфрасохтор ва дигар шароити зарурӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёти барқӣ чораҷӯӣ намоянд. Вобаста ба ин Азим Иброҳим иброз намуд, ки ҳоло дар вазорат «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ барои солҳои 2023-2027» таҳия гардидааст. Дар он масъалаҳои дар ҷойҳои муайян бо барқ пур кардани нақлиёт, безараргардонии аккумуляторҳои муҳлати истифодаашон ба итмомрасида, истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии нақлиёти барқӣ дар қаламрави мамлакат ва ғайра пешбинӣ шудааст. Ҳоло ба воридкунандагони нақлиёти барқӣ имтиёзҳо, аз қабили озод шудан аз пардохти андоз ва боҷи гумрукӣ, муайян гардидааст.

Зикр гардид, ки ҳоло дар мамлакат 26 ҳазору 700 километр роҳ аст, ки дар он 14 ҳазору 308 километр дар тавозуни Вазорати нақлиёт мебошад. Соли равон барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард ба муассисаҳои давлатии вазорат аз буҷети ҷумҳурӣ 85 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## ЧАРО ТЕЪДОДИ ЗАНОН ДАР МАНСАБҲОИ РОҲБАРИКУНАНДА КАМ ШУДААСТ?



**Дуюми августи соли ҷорӣ нишасти матбуотии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гашт. Директори он Ҷумъа Давлатов изҳори нигаронӣ кард, ки дар баъзе шаҳраку деҳот дар мансабҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону ҷавонон ягон нафар фаъолият намекунад.**

- Маълум гардид, ки дар 101 шаҳраку деҳоти мавриди санҷиш қароргирифта ягон нафар зан дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият надошта, талаботи банди 2 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», яъне дар яке аз вазифаҳои роҳбарикунандаи ҷамоатҳо фаъолият намудани занон таъмин нагардидааст, - гуфт директори агентӣ.

Тибқи таҳлилҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар 348 шаҳрак ва деҳот 2817 воҳиди корӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо 2016 хизматчии давлатӣ фаъолият доранд. Аз он шумора 352 нафар ё 17,5 фоизро занон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳисоби миёнаи ҷумҳуриявӣ 6,4 банди фоизӣ кам мебошад.

Зикр шуд, ки тибқи санҷиши агентӣ, дар шаҳраку деҳоти «Чоруқдаррон», «Зарнисор» ва «Навгарзан»-и шаҳри Гулистон, «Ворух», «Нефтобод», «Зумрад»-и шаҳри Исфара, «Зарзамин»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, «Шамтуч»-и ноҳияи Айнӣ, «Панҷ»-и ноҳияи Панҷ, «Фирӯза», «Истиқлол»-и ноҳияи Носири Хусрав, «Урта Назаров», «Носири Хусрав»-и ноҳияи Қубодиён, «Қадриддин Ғиёсов», «Ифтихор» ва «50-солагии Тоҷикистон»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, «Машъал»-и ноҳияи Вахш, «Обикиик»-и ноҳияи Хуросон, «Деҳқонобод»-и ноҳияи Фархор, «Файзобод», «Вашгирд»-и ноҳияи Файзобод, «Регар»-и шаҳри Турсунзода, «Лучоб», «Зидеҳ»-и ноҳияи Варзоб, «Навобод», «Нусратулло Махсум», «Ҷафр», «Оби меҳнат», «Ясман», «Қалъаи Сурх»-и ноҳияи Рашт, «Дарбанд»-и ноҳияи Нуробод, «Пилдон», «Сартало», «Лахш»-и ноҳияи Лахш, «Тавилдара», «Ваҳдат», «Заршӯён»-и ноҳияи Сангвор, «Ширинчашма»-и ноҳияи Тоҷикобод ҷавонони то 35-сола фаъолият надоранд.

Гуфта шуд, ки то 1 июли соли равон шумораи хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ 18 ҳазору 576 нафар буда, теъдоди занҳо 4438 нафар ё 23,9 фоиз, теъдоди ҷавонони то 35-сола 8897 нафар, синни миёнаи хизматчии давлатӣ 37,1 солро ташкил медиҳад.

Занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ 4438 нафар буда, аз 5824 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1094 нафар бонувон мебошанд. Теъдоди умумии занон дар мансабҳои роҳбарикунанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 54 нафар кам шудааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## НОҲИЯИ РӮДАКӢ: ЗАМИНҲОИ КОРАМИ «ГУЛИСТОН» ВА «ЛОҲУР» БЕ ОБ МОНДААСТ



**Муовини якуми раиси ноҳияи Рӯдакӣ Абдуаҳад Саидмуродзода зимни нишасти матбуотӣ (2 августи соли 2022) зикр кард, ки шашмоҳаи аввали соли 2022 дар ҳама самти иқтисодию иҷтимоии ноҳия дастовардҳо назаррасанд. Аз ҷумла, нақшаи қисми даромади буҷет - 125 фоиз, қисми хароҷоти буҷет - 92,8 ва нақшаи андози иҷтимоӣ 106 фоиз иҷро гардида, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба 107 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 119,8 фоиз баробар гардидааст.**

Ӯ ва дигар масъулон аз дастовардҳо, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти сохтмонӣ, сохтмони марказҳои хизматрасонӣ, муассисаҳои таълимию тиббӣ, таъмири роҳҳо, бунёди корхонаҳои саноатӣ ҳарф заданд, вале аз камбудиҳо ёдовар нашуданд.

Хабарнигори рӯзнома аз масъулин сабаби бо оби полезӣ таъмин нагардидани заминҳои корам ва наздиҳавлигии сокинони деҳоти «Гулистон» ва «Лоҳур» ва оид ба иҷро нагардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №626 аз 2 ноябри соли 2012 «Дар бораи тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб» дар шаҳраку деҳоти ноҳияи Рӯдакиро пурсон шуд.

Масъулон сабаби мушкилоти беобӣ дар деҳоти «Гулистон», сари вақт аз шаҳри Ваҳдат тавассути канали Оққурғон ҷорӣ нагардидани об, паст гардидани оби дарёи Кофарниҳон ва баланд мондани канали мазкур аз сатҳи дарё ва бе об мондани 350 гектар замини корам ва наздиҳавлигии сокинони деҳоти мазкурро шарҳ доданд.

- Соли 2021 бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ, заҳматҳои шабонарӯзии кормандони Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия ва дастгирии сокинон канали Лоҳур, ки дар 35 сол рӯи таъмирро надида буд, бо дарозии 35 километр аз таъмир бароварда шуда, беш аз 1200 гектар замини корами обӣ ва наздиҳавлигии сокинони деҳот шодоб шуда, ҳосили хуби зироатҳои кишоварзӣ парвариш ёфт, - гуфт ӯ.

Пас чӣ боис гардид, ки имсол аз оғози мавсими обёрӣ канали Лоҳур бе об монда, кишти баҳорӣ пурра хушк гардид? Имрӯзҳо кишти такрорӣ дар ҳолати анҷомёбист, оқибати он чӣ мешавад? Масъулони ноҳия чунин вазъи мушкилотро низ дар сатҳи пасти оби дарё рабт доданд. Ҳол он ки оби канали Лоҳур ба дарёи Кофарниҳон вобастагӣ надорад. Ҳақиқати ин мушкилот дар чист?

Оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб» дар шаҳраки Мирзо Турсунзода (раисаш Анвар Шарипов) чор деҳоти ноҳия - «Чоряккорон» (раисаш Зулайхо Негматова), «Сарикиштӣ» (раисаш Олимҷон Каримов), «Чоргултеппа» (раисаш Гулсун Холова), «Зайнабобод» (раисаш Сабоҳат Ризозода) на танҳо посух надоданд, балки дар бораи қарори мазкур маълумот пайдо карда натавонистанд. Зеро дарёҳои Кофарниҳон, Элок ва канали Ҳисор аз деҳоти мазкур мегузаранд ва сокинон партовҳои гуногунро дар соҳилҳо мепартоянд. Ҳол он ки иҷрои қарор ва назорати он ба дӯши раисони шаҳраку деҳот вогузор аст.

Муовини якуми раиси ноҳияи Рӯдакӣ Абдуаҳад Саидмуродзода ҷой доштани камбудиҳоро тасдиқ намуда, гуфт, ки дар ҳақиқат беобӣ дар ду деҳоти ноҳия ва иҷрои талаботи қарори мазкур ҷиҳати сари вақт аз байн бурдани партовҳои бесоҳиб беаҳамиятӣ дида мешавад. Ӯ масъулони идораҳои дахлдор ва раисони деҳотро барои бартарафсозии мушкилиҳо вазифадор кард.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ ВАТАНӢ БА БЕШ АЗ ЯК МИЛЛИАРД ДОЛЛАР БАРОБАР ШУД

**Бино ба маълумоти директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шавкат Бобозода, то ҳол дар мамлакат 61 ширкати ватании содироткунандаи маҳсулот ба қайд гирифта шуда, таи шаш моҳи аввали соли равон, тибқи маълумоти оморӣ, ба маблағи 1 миллиарду 215 миллиону 200 ҳазор доллар маҳсулоти ватанӣ содирот гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 600 ҳазор доллар зиёд мебошад.**



Дар нимаи аввали соли равон масъалаи содироти тухм мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба паррандапарварон тавсия дода шуд, ки содироти тухмро бо назардошти таъмини бозори дохилӣ ва боло нарафтани нарх амалӣ намоянд.

- Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар шаш моҳи соли 2022 аз мамлакат ба хориҷи кишвар 19 млн. 500 ҳазор дона тухм содирот карда шуд, - гуфт Шавкат Бобозода ва афзуд: - Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар самти зиёд намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар нимсолаи якуми соли 2022, тибқи маълумоти оморӣ, содироти маҳсулоти кишоварзӣ 27 млн. 727 ҳазору 500 долларро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 15 млн. 570 ҳазору 500 доллар ё 28,1 фоиз зиёд мебошад. Аз рӯи ҳаҷм бошад, содироти маҳсулоти кишоварзӣ 115 ҳазору 200 тоннаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 ҳазору 700 тонна ё 8,2 фоиз зиёд гардидааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## ЧОР ИХТИСОСИ НАВИ БА ТАЛАБОТИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ҶАВОБГӮ ТАЪСИС ЁФТ

**- Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани савияи дониш ва табодули таҷриба 70 донишҷӯро ба донишгоҳҳои Қазоқистон ва Федератсияи Россия фиристода, инчунин бо Донишгоҳи АвруОсиёии ба номи Л. Н. Гумилёви шаҳри Нурсултони Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба таҳия ва татбиқи барномаи таълимии муштарак созишнома имзо кардааст, - иброз дошт ректори муассиса Абдухалил Ғафурзода зимни нишасти матбуотӣ.**



Номбурда, афзуд, ки тибқи созишномаи имзошуда, 8 магистранти курси якуми ихтисоси «Ҳуқуқи байналмилалӣ»-и академия соли таҳсили 2021-2022 ба Донишгоҳи миллии АвруОсиёии ба номи Л. Н. Гумилёви шаҳри Нурсултони Ҷумҳурии Қазоқистон фиристонда шуданд. Зикр гардид, ки шуъбаи магистратура барои тайёр кардани мутахассисон дар зинаи магистратура аз рӯи 10 ихтисос бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаъолият менамояд. Соли таҳсили 2022-2023 дар ин зинаи таҳсил чор ихтисоси нави ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ илова гардид.

Тибқи нақша, соли таҳсили 2021-2022 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд 1271 нафар донишҷӯ ва магистрант хатм мекард. Вале аз онҳо 123 нафар бо сабабҳои гуногун ба аттестатсия роҳ дода нашуданд. Аз боқимонда 1148 хатмкунанда 84 нафар бинобар сабабҳои номаълум дар аттестатсия иштирок накарданд.

Илова карда шуд, ки аз 1064 нафаре, ки дар аттестатсияи давлатии хатм ширкат варзиданд, 1056 нафарашон аз аттестатсия бомуваффақият гузаштанд, ки 99 фоизи умумиро ташкил медиҳад. Ҳашт нафар хатмкунандагон (1 фоиз) соҳиби баҳои ғайриқаноатбахш гардида, аз аттестатсияи давлатӣ нагузаштанд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## БАРГУЗОРИИ ТАДҚИҚОТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ ДАР 220 ДЕҲА ВА МАҲАЛЛА



**- Дар объекти «Кадастри давлатии об» аз ҷониби корхонаҳои воҳидии саридора 462 ченкунӣ дар 77 чоҳи мушоҳидавӣ ва 80 адад ченкунии фосилавӣ гузаронида шуда, мушоҳидаҳои санҷишии аввалия дар 29 обанбор, реҷавӣ дар 145 ва такрорӣ дар 184 обанбор иҷро гардида, 214 адад маҳакҳои об барои гузаронидани ташхиси кимиёвӣ гирифта шудааст,- гуфт зимни нишасти матбуотӣ сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода.**

Тибқи нақша ва дархостҳо дар 220 деҳа, маҳалла ва шаҳрак тадқиқоти муҳандисӣ - геологӣ гузаронида, ба 154 хоҷагӣ пешниҳод гардид, ки аз ҷойҳои хавфнок ба ҷои бехавф кӯчонида шаванд.

Аз рӯи лоиҳаи «Ҷустуҷӯи обҳои зеризаминӣ бо мақсади бо оби нӯшокӣ таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ, маориф ва соҳаҳои иҷтимоӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд» дар деҳаи Ҷетергани деҳоти «Лолазор»-и ноҳияи Данғара 60 метр ва дар деҳаи «Тугарак»-и ноҳияи Восеъ барои бо об таъмин намудани муассисаи таълимии № 54 ва бунгоҳи тиббӣ 40 метр корҳои пармагарӣ ба анҷом расонида шуд.

- Ҳамчунин, Саридораи геология дар давраи ҳисоботӣ бо 51 ширкат дар бонуси обунавӣ ба маблағи умумии 263 миллиону 282 ҳазору 847 сомонӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ ба маблағи умумии 35 ҳазору 891 сомонӣ дар маҷмӯъ, ба маблағи 263 миллиону 318 ҳазору 738 сомонӣ қарордоди истифодабарии қаъри заминро ба имзо расонид, - иброз дошт Илҳомҷон Оймуҳаммадзода.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

## РАҚАМҲОИ ГӮЁИ АГЕНТИИ ОМОР



**Дар нишасти матбуотии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чоруми августи соли равон баргузор гардид, роҷеъ ба соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ дар кишвар маълумот дода шуд.**

Бино ба маълумоти директори агентӣ, дар моҳҳои январ - июни соли 2022 нархи як қатор маҳсулоти хӯрокворӣ қимат шудааст. Чунончи, арзиши сабзавот 8,8 фоиз (бехпиёз - 51,8, сабзӣ - 32,7, карам - 3,2), маҳсулоти нону булка ва ярмаҳо - 15,1 фоиз (аз ҳисоби орди навъи якум - 22,1, макарон - 13,1, ярмаи марҷумак -12,2, нон - 10,7 ва биринҷ - 1,2), равған ва чарбу 4,5 фоиз (равғани пахта - 5,5, равғани офтобпараст - 2,6), шакар 21,2 фоиз, шир - 8,5 ва гӯшти мурғ 2,9 фоиз боло рафт.

Зимнан, нархи маҳсулоти гӯшт 3 фоиз (асосан аз ҳисоби гӯшти гов - 6,7, гӯшти гӯсфанд - 3,3), помидор 67,3 фоиз, бодиринг - 59,7, тухм - 5,8 ва картошка 3,9 фоиз арзон шудааст. Аз аввали соли 2022 нархи молҳои ғайриозуқа 2,3 фоиз (асосан аз ҳисоби нархи сӯзишвории дизелӣ (солярка) - 11,9, маводҳои шустушӯӣ - 10,3, маснуоти доруворӣ - 8,1 ва масолеҳи сохтмонӣ -2,5) қимат шуд.

Директори агентӣ Гулнора Ҳасанзода баъди ҳисоботи мухтасар, ҳамроҳ бо роҳбарони раёсату сохторҳо, ба саволҳои журналистон ҷавоб доданд.

Қайд шуд, ки дар маҷмӯъ ҳаҷми хизмати пулакӣ 8 миллиарду 786 миллиону 600 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 12,8 фоиз зиёд шудааст.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

(Идома аз саҳ. 1)

# ЧАРОҒИСТОНИ БУЗУРГИ МИЛЛАТ ВА САРИ БАЛАНДУ РӮИ СУРХИ ҲАР ЯК ФАРДИ ВАТАН



### ИРОДАИ ҚАВИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҲАМОВОЗИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

Мо - тоҷику тоҷикистониён ифтихорманд бояд бошем, ки тамоми ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз иродаи қавӣ ва нияти нек маншаъ гирифтаанд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди пазирои қарор мегиранд.

Эътироф бояд кард, ки дар мавриди НБО «Роғун» назарҳо яксон набуданд. Баъзе «дӯстон»-и мо мехостанд бо ҳар роҳу восита ба эъмори ин иншооти барои кишварамон ба маънои томаш сарнавиштсоз монеа эҷод кунанд. Хушбахтона, ноком монданд...

Лозим ба ёдоварист, ки аз замони шурӯъ гардидани татбиқи ин тарҳ Федератсияи Россия онро дастгирӣ кард. Бамаврид аст аз намояндаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия Александр Лукашевич иқтибос орем, ки гуфта буд: «Федератсияи Россия ҷонибдори он аст, ки лоиҳаҳои марбут ба истифодаи об дар минтақаи наздик ба мо, майдони ҳамкории умумиминтақавӣ бошанд».

Иттиҳоди Аврупо низ мавқеи Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои об, аз ҷумла дар масъалаи НБО «Роғун», дастгирӣ намуда, намояндагони он бехатарии НБО «Роғун», зарурат ва манфиати онро расман тасдиқ кардаанд. Илова бар ин, вакилони Парлумони Аврупо, аз ҷумла С. Стивинсон таъкид карда буд, ки бунёди НБО «Роғун» метавонад дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ хидмат кунад. Мавқеи ИМА низ вобаста ба ин масъала мусбат буда, замони оғози корҳои сохтмонӣ Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико лоиҳаи НБО «Роғун» - ро «саривақтӣ» номида, ба идораи самараноки об дар Осиёи Марказӣ даъват намуд.

Муҳим он аст, ки раиси Палатаи қонунбарори Маҷлиси Олии Ӯзбекистон Нуридинҷон Исмоилов, ки замони ба истифода додани агрегати якуми НБО «Роғун» бо сафари расмӣ дар шаҳри Душанбе қарор дошт, аҳамияти бузурги НБО «Роғун» - ро барои кишварҳои минтақа тасдиқ кард. Номбурда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми Тоҷикистонро бо рӯйдоди ба истифода додани агрегати якуми НБО «Роғун» самимона табрик намуда, изҳор дошта буд: «Ман аз муваффақона ба кор андохтани ин иншооти азим мафтунам. Ин рӯйдод дар таърихи навини Тоҷикистон сабт хоҳад шуд ва татбиқи лоиҳа на танҳо барои мардуми Тоҷикистон, балки барои мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим аст. Ин лоиҳаи беназир ба шарофати Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, азми устувор, матонат ва сиёсати дурбинонаатон амалӣ гардид».

Ба андешаи ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллер, НБО «Роғун» як марҳилаи муҳим барои бахши энергетикии Тоҷикистон хоҳад буд, зеро он метавонад барои мардуми Тоҷикистон сатҳи баландтари некуаҳволӣ ва шукуфоиро таъмин намояд. Номбурда, аз ҷумла, гуфт: «НБО «Роғун» метавонад барои аҳолии Тоҷикистон манбаи неруи барқи зарурӣ, арзон, барқароршаванда ва боэътимод гардад. НБО «Роғун», инчунин, метавонад манбаи муҳими содироти неруи барқ бошад, ки даромад аз он ба сармоягузории дигар сармояи муҳими инсонӣ ва дар навбати худ ба дигаргун сохтани иқтисодиёти Тоҷикистон ва таҳкурсии ояндаи шукуфон ёрӣ расонад».

### ТАЪСИРИ НБО «РОҒУН» БА БОЛОРАВИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Н. Г. Савченков, ки барои мардуми мо, бо назардошти дар марҳилаи аввал масъули сохтмон будан чеҳраи ошно маҳсуб мешавад, нигошта буд: «Ман беш аз 30 сол дар вазифаҳои гуногун дар Тоҷикистон кор кардам, захираҳои бузурги энергетикии онро медонам. Медонам, ки барқи Тоҷикистон ба Сибир ва Урал ба воситаи Осиёи Миёна ворид мешавад. Об сиёсат аст. НБО «Роғун» воситаи муҳими амалӣ шудани ин сиёсат аст…».

Дар муддати кӯтоҳ собит гардид, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» ҷойгоҳи хоса дорад, зеро ин коргоҳи нур орзую ормони деринаи тоҷикистониён аст, ки бо сабабҳои айниву зеҳнӣ даҳсолаҳо мунтазири бунёдкор буд. Агар ба таърихи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» мутаваҷҷеҳ шавем, кулли далелҳо аз мавқеи собитқадамонаи Пешвои миллат дар сиёсати энергетикии кишвар шаҳодат медиҳанд.

Месазад ёдовар шавем, ки агар Иттиҳоди Шӯравӣ барои сохтмони ин неругоҳ чорсад корхонаро ҷалб карда бошад, ҳоло сохтмони неругоҳ на бо даъвати бештари мутахассисони давлатҳои ҳамҷавор, балки бо ҷалби бинокорону сохтмончиёни маҳаллӣ ҷараён мегирад. Шоистаи зикр аст, ки ин иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аксари давлатҳоро дар ҳайрат гузошт.

Нуктаи дигари муҳим он аст, ки қисмати аъзами лоиҳаҳои замони шӯравӣ, ки вобаста аз имкониятҳои бузурги ин давлати абарқудрат барои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия ва амалӣ мегардиданд, пас аз пош хӯрдани он дар канор монданд. Дар байни онҳо лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун» ҳам буд, ки метавонист ба «боди фано» ё «кӯи фаромӯшӣ» равад.

Натиҷаи дигаре, ки бо бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» пайванд мебошад, таъсири беназири он ба болоравии худшиносии миллист. Ибтикори Роҳбари мамлакат дар иртибот ба бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо такя ба сармояи миллӣ муҳиму саривақтӣ буда, фазои созандагиро тақвият мебахшад ва мо ин сиёсати оқилонаро дар бунёди неругоҳҳои барқи обии «Зарафшон», «Шӯроб», «Даштиҷум» ва корхонаҳои калони саноатӣ сармашқи кор қарор хоҳем дод. Ҳоло далели бебаҳс аст, ки неругоҳи мазкур ба лоиҳаи камназири сиёсиву иҷтимоӣ ва ормони миллӣ табдил ёфтааст.

Ба таъбири Пешвои миллат: «Баъди гузашти айём мову фарзандонамон бо ифтихор хоҳем гуфт, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» ин кохи бузурги нури миллатро мо бо заҳмати худамон, яъне бо саъю талоши халқи бузургворамон ва бо ҳамкории беҳтарин мутахассисони кишварҳои дунё бунёд кардем».

### НБО «РОҒУН» ВА САҲМИ ОН ДАР РУШДИ МИНТАҚА

НБО «Роғун» на танҳо ба эҳтиёҷоти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳолии даҳмиллионаи он, балки ба содироти неруи барқи арзон ба як қатор кишварҳои узви СҲШ, аз ҷумла Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва Чин мусоидат мекунад. Ба анҷом расидани неругоҳ ва дар баробари ин, дигар лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки содироти неруи барқро то 4 ҳазор мВт дар як сол татбиқ намояд. Ба ибораи дигар, неру ва оби НБО «Роғун» ба пешрафти на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард.

Аксари мутахассисон, коршиносон, иқтисодшиносон ва сиёсатмадорон ба ниҳоят муҳим будани НБО «Роғун» муътақиданд. Масалан, кормандони соҳаи энергетика ва об дар Тоҷикистону Ӯзбекистон аҳамият ва манфиатҳои ин лоиҳаро хуб медонанд. Хулосаи ниҳоӣ ин аст, ки эъмори он на танҳо ба Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Чин, балки ба ҳамсояҳои наздиктарин - Ӯзбекистон ва Туркманистон низ судовар хоҳад буд.

### БА НАЗАР ГИРИФТАНИ САД СОЛИ МИНБАЪДА КАМОЛИ ДУРАНДЕШИСТ

Пешвои миллат борҳо таъкид карданд, ки «Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои садсолаҳо бунёд мегардад. Бинобар ин, бояд ба сифати корҳои сохтмон, истифодаи масолеҳи баландсифати сохтмон ва таҷҳизоти ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад». Биноан, ба ташкилу татбиқи мониторинги инструменталӣ, ки барои таъмин намудани бехатарии неругоҳ ҳангоми сохтмон муҳим аст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Тибқи иттилои дастрас, ҳоло дар 51 қитъаи неругоҳи фавқ 36 000 асбоби санҷишу ченкунӣ васлу насб шудааст.

Илова бар ин, дар атрофи иншоот ва обанбори неругоҳҳои барқи обии «Роғун» ва «Норак» 11 пойгоҳи сейсмикии рақамии моҳворавӣ бо маркази сейсмикии Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» васлу насб гардида, бо хатти баландсуръати интернет ба маркази сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пайваст шудаанд.

Зимни сафари зикршуда Пешвои миллат таъкид карданд: «…ташкил ва таъмин намудани мониторинги техникиву технологии сатҳи байналмилалӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун», ки аз маҷмааи иншооти зеризаминӣ ва баландтарин сарбанди гидротехникии дунё иборат аст, зарур ва ҳатмӣ мебошад».

### РӮ БА НБО «РОҒУН» ОВАРДАНИ ИТТИҲОДИ АВРУПО АЗ БАҲРИ ЧИСТ?

Бегуфтугӯ, буҳронҳои иқтисодиву сиёсӣ дар ҷаҳони имрӯза, низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, болоравии бесобиқаи нархҳои ҷаҳонӣ ба молу маҳсулоти гуногун, аз ҷумла маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар қатори дигар давлатҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ таъсири манфӣ расонида истодаанд. Новобаста ба ин, азми тоҷику тоҷикистониён бо Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба итмом расонидани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» қатъӣ мебошад. Муҳимияти иншоот дар он зоҳир мегардад, ки бо вуҷуди мушкилоти зикршуда, Ҳукумати мамлакат дар ду соли охир барои идомаи сохтмон ҳамаи тадбирҳои зарурииро андешида, маблағгузорииро ҷиҳати нигоҳ доштани суръати корҳо таъмин намуд.

Чанде пеш иттилое расонаӣ шуд, ки «Иттиҳоди Аврупо тасмим дорад, бузургтарин сармоягузори Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар Тоҷикистон шавад. Сухангӯи Бонки аврупоии сармоягузорӣ ба хабаргузории «Рейтерс» гуфтааст, ки Комиссияи Аврупо аз бонки мазкур хостааст, «бузургтарин сармоягузори тарҳ» шавад. Омили мазкур бори дигар дурустии ибтикори Пешвои миллатро дар робита ба неругоҳи зикршуда собит намуд. Аз ҷониби дигар, иқдоми мазкур таваҷҷуҳбарангез будани неругоҳро барои сармоягузорони хориҷӣ ба маърaз гузошт.

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати мамлакат, илова ба маблағгузории ҳарсолаи сохтмони неругоҳ аз буҷети давлатӣ, инчунин, бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ кор бурда истодааст. Аз ҷумла, ҷиҳати татбиқи маблағгузорӣ аз ҷониби шарикони рушд ва дигар ташкилотҳои молиявӣ аз моҳи сентябри соли 2020 ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ ба роҳ монда шудааст.

Тавре дар суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоташон бо сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии «Роғун» зикр гардид: «Дар ин давра бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ва дастгирии Бонки ҷаҳонӣ ҷиҳати баррасии вариантҳои маблағгузорӣ ду маротиба мизи мудаввар ва бо иштироки намояндагони Ҳукумат, шарикони рушд ва дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ якчанд вохӯрӣ баргузор карда шуд».

Маълум гардид, ки минбаъд низ ҷиҳати ҷалби маблағгузорӣ барои ба анҷом расонидани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ як қатор корҳо амалӣ мегарданд.

Ҳамон тавре Президенти мамлакат таъкид карданд: «Корҳо вобаста ба ҷалби маблағҳо барои ба итмом расонидани сохтмон дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ то охири соли ҷорӣ анҷом меёбанд ва соли 2023 маблағгузорӣ аз ҷониби шарикони рушд ва дигар ташкилотҳои молиявӣ оғоз мегардад».

### ЧОР АГРЕГАТ АЗ АВСТРИЯ БАРОИ НБО «РОҒУН»

Иттилоъ дорем, ки ду агрегати аввали Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро дар Украина сохта буданд, аммо бо ҳаводиси охири ба ин кишвар рабтдошта омодасозии агрегатҳои боқимонда ғайриимкон гардид. Ин ҳолатро нотавонбинон «ливо» карда, идомаи сохтмони неругоҳро зери суол бурдан хостанд. Хушбахтона, «бо дуои кӯрмуш борон намеборад». Чанде пеш маълум гардид, ки кишвари мо истеҳсоли чор агрегати дигарро барои НБО «Роғун» ба ширкате дар Австрия супориш додааст. Ҷамшед Шоимзода, муовини якуми вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, 12 июл дар нишасти матбуотӣ дар шарҳи ин масъала минҷумла гуфт: «Мо ба ширкате дар Австрия супориш додем. Албатта, масъалаи овардани турбинаҳо харҷи бештар мехоҳанд, аммо мутахассисон бояд бо таҷҳизоти аврупоӣ ҳам кор карда тавонанд».



### ҲОЛО НАБЗИ НБО «РОҒУН» ЧӢ ГУНА МЕТАПАД?

Ба ин савол мардуми шарифи кишвар ба шарофати сафари Пешвои миллат ба маҳали сохтмон, ки 12 - 13 июли соли равон сурат гирифт, посухи қаноатбахш гирифтанд. Маълум гардид , ки аз оғози фаъолияти ду агрегати неругоҳ то ба имрӯз зиёда аз 4,6 миллиард киловатт - соат неруи барқ истеҳсол гардида, барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмону васлгарии Неругоҳи барқи обии «Роғун» таи солҳои 2008 - 2021 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳо беш аз 31 миллиард сомонӣ маблағ равона шудааст. Дар соли 2022 барои идомаи сохтмони неругоҳ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ боз 2,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Корҳо, алалхусус, дар обқабулкунакҳои асосӣ, роҳҳои дастрасӣ ба онҳо, мустаҳкамсозии фарози кӯҳҳо, баромадгоҳи нақби сохтмонии қабатҳои 3 ва 4, нақбҳои обрасон ва ҷабандаву сементатсионӣ, нақбҳои нақлиётӣ, ки роҳи асосиро ба шонаи сарбанд пайваст мекунанд, шахтаи ҳаводиҳанда ва дигар иншоот қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Ҳоло дар сохтмон 10 ҳазору 517 нафар, аз ҷумла 332 нафар мутахассисони хориҷӣ, фаъолият доранд, ки 97 фоизи онҳоро коргарону мутахассисони ватанӣ ташкил медиҳанд. Шумораи мошину механизмҳое, ки дар сохтмон истифода мешаванд, 3219 адад мебошад. Аз оғози соли ҷорӣ барои пардохти корҳои сохтмону васлгарӣ, лоиҳакашию таҳқиқотӣ, хариди таҷҳизот, молу масолеҳи сохтмон ва дигар хизматрасониҳо, дар маҷмӯъ, 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст. Бояд гуфт, ки корҳои сохтмони неругоҳ ба лотҳои алоҳида, аз ҷумла ба Лоти 1 - таҷҳизоти электромеханикӣ, Лоти 2 - сарбанди неругоҳ, Лоти 3 - иншооти соҳили рост ва Лоти 4 - иншооти соҳили чап тақсим шудаанд. Бунёди сарбанд – яке аз иншооти муҳими неругоҳ ба уҳдаи ширкати «Вибилд»-и Италия вогузор гардидааст. Тибқи маълумот, дар минтақаи сарбанди неругоҳ то имрӯз дар ҳаҷми 16,7 миллион метри мукааб мавод хобонида шудааст. Дар минтақаи ядрои сарбанд корҳои тоза намудан, мустаҳкамсозиву бехатаргардонии соҳилҳои чапу рости паҳлуи кӯҳҳо, тибқи лоиҳа, иҷро гардида, дар ҳаҷми беш аз 3 миллион метри мукааб корҳои заминӣ ба анҷом расонида шуда, корҳои зери таҳкурсии бетони шиббашаванда оғоз гардидаанд.

### ҚАДРШИНОСӢ - ЯКЕ АЗ ҲАЗОР ФАЗИЛАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Ҷанбае, ки зимни инъикоси раванди бунёди ин иншооти муҳим аз мадди назари аҳли қалам дур намондааст, қадршиносии сохтмончиёни ин иншоот аз ҷониби Сарвари раъиятпарвари давлат маҳсуб мешавад.

Ман дар мавриди бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз намудани бунёдкорони неругоҳ ва дастгириву ғамхориҳое, ки моҳияти иҷтимоӣ доранд, чизе намегӯям, зеро «чизе, ки аён аст, ҳоҷат ба нест». Манзури ман суханони пурмеҳру роҳнамунсози Роҳбари мамлакат мебошад, ки дар ҳаққи сохтмончиён зимни суханрониҳояшон баён гардидааст:

- Ҳазорон аҳсану офарин ба бунёдкорони «Роғун» - қаҳрамонони арсаи заҳмати созандаву мардона!

- Шараф ба мардуми ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус ва заҳматпешаву сарбаланди Тоҷикистон!

- Шараф ба сохтмончиён ва муҳандисону мутахассисони диловари Неругоҳи барқи обии «Роғун»!

- «Роғун» барои мардуми шарафманди Тоҷикистон сохтмони сарнавиштсоз, майдони нангу номус ва ҷабҳаи заҳмати ҷавонмардона мебошад!

Чунин қадршиносии Пешвои миллат далели возеҳи он аст, ки ин Абармард хизмати ҳар нафареро, ки дар бунёди неругоҳи зикршуда саҳим аст, арҷ мегузоранд.

Хулоса, ин кохи нур, ҳамон тавре ки Пешвои миллат гуфтанд: «Чароғистони бузурги миллат, рӯзгори обод ва сари баланду рӯи сурхи ҳар як фарди мамлакат маҳсуб шуда, баъд аз пурра ба кор даромадани он орзуи чандинсолаи миллати тамаддунсози мо амалӣ мегардад ва кулли нияту нақшаҳои мардуми шарифи тоҷик ба воқеият табдил меёбанд».

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

# ОБ САРВАТИ БУЗУРГИ КИШВАРИ МОСТ

**Об ҳастии ҳаёт аст. Тоҷикистон ба хотири табиату иқлим ва обҳои софу зулолаш дар миқёси ҷаҳон шуҳратманд гардидааст. Бо ин мақсад, бо ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраи дуюми Форуми байналмилалии умумиҷаҳонии «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 дар миқёси ҷаҳон баргузор гардид.**



Тақрибан 70 дарсади кураи Заминро об ташкил медиҳад, аммо аз ин миқдор танҳо 2 фоиз ҳаҷми оби тоза барои истеъмоли инсон истифода бурда мешаваду халос. Гузашта аз он дар шароити кунунӣ дар ҷаҳон тақрибан 1,2 млрд. сокини сайёра аз норасоии оби ошомиданӣ азият мекашанд. Тоҷикистон аз рӯи захираҳои об дар ҷаҳон ҷои 6-умро ишғол менамояд. Ин сарвати бебаҳои давлати Тоҷикистон мебошад.

Об, инчунин, таконбахши рушди иқтисодии ҳар як давлати мутамаддин ба ҳисоб меравад. Алалхусус он қувваи азими ба ҳаракат даровардани неругоҳи барқи обӣ буда, ин хусусияти об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дучанд мебошад, зеро 98 дарсади неруи барқи кишварамон дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад.

Ҳалли ин масъалаи ниҳоят заруру мураккаб, яъне таъмини об, хеле маблағталаб буда, давраи шӯравӣ лоиҳаи гузаронидани оби дарёи Енисеи Сибир ба Осиёи Миёна ба нақша гирифта шуда буд. Аммо аз сабаби ҳангуфт будани маблағи сармоягузорӣ ин масъалаи хеле муҳим ҳаллу фасл нагардид.

Асоси захираҳои оби Тоҷикистонро пиряхҳо ва дарёҳои тоза ташкил менамояд. Тибқи хулосаҳои муҳаққиқон, дар Тоҷикистон қариб 14 ҳазор пирях ва 950 дарёи хурду калон мавҷуд аст, ки ин захираи табиӣ дар баробари таъмин намудани талаботи аҳолии кишвар, инчунин омили асосии рушди соҳаи энергетика ва кишоварзӣ мебошад.

Дар кӯлҳои Тоҷикистон зиёда аз 46,5 $км^3$ об буда, аз ин миқдор 20,5 метри мукаабашро оби нӯшокӣ ташкил медиҳад.

Ҳоло дар миқёси ҷаҳон зиёда аз 3,5 млрд. нафар аз хизматрасониҳои зарурии беҳдошт ва ҳудуди 2,3 млрд. нафар аз шароити одии гигиенӣ баҳравар нестанд. Ҳар сол қариб ним миллион нафар аз бемориҳои сироятии марбут ба об ба ҳалокат мерасанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо иброз доштанд, ки талабот ба об дар оянда боз афзоиш хоҳад ёфт. Тибқи маълумоти оморӣ, шумораи аҳолии ҷаҳон то соли 2050 тақрибан ба 9 млрд. нафар афзоиш меёбад, ки ин боиси афзоиши чандинкаратаи талабот ба об хоҳад гардид.

Аз ин рӯ, сокинони сайёраро зарур аст, ки обро сарфакорона истифода бурда, ба ифлосшавии манбаъҳои об роҳ надиҳанд, зеро беэътиноӣ ва беҳурматӣ нисбат ба ин неъмати бузург боиси сар задани бемориҳои сироятkунанда, офатҳои табиӣ ва дигар бадбахтиҳо мегардад.

**Шайқул ҲАМРОҚУЛОВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент**

# ҲАМБАСТАГӢ ОМИЛИ ПОЙДОРИВУ ПЕШРАФТ АСТ

**Ҷанги беш аз чилсолаи Афғонистон, бархӯрди миллатҳою қавмҳои сокини он ва дахолати хориҷиён кишвари ҳамсояро ба харобазор ва майдони кашмакашҳои тӯлонӣ табдил дод. Дар ҳалли ин қазия ба мардуми Афғонистон ваҳдат намерасад, зеро нотифоқии онҳоро бегонагон ба манфиати худ суиистифода менамоянд.**

Зимнан, иддае аз рӯзноманигорону коршиносон ва чеҳраҳои шинохтаи Афғонистон сулҳу оромии Тоҷикистонро васф намуда, орзуи чун Тоҷикистон обод гаштани ватанашонро менамоянд. Вале ин ҳама ободӣ ва хуррамии Тоҷикистон осон ба даст наомадааст. Садҳо ҷон дар ин роҳ қурбон шудаву заҳматҳои зиёде кашида шудааст. Дар саргаҳи ин ободкорӣ ва сулҳу амонии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Маҳз талошҳои бевоситаи Сарвари давлат боис гардид, ки оташи ҷанг хомӯш гардад, гурезаҳо ба Ватан баргарданд, тоҷикон ба сулҳ бирасанд ва Ватанро аз гирдоби ҳалокат наҷот диҳанд.

Аз он замон 25 сол гузашт ва халқи тоҷик исбот намуд, ки ваҳдати онҳо забонӣ нест, балки боз ҳам бештар равнақ меёбад. Сохтмони роҳҳою пулҳо ва нақбҳои нақлиётгузар на танҳо манотиқи ҷумҳуриро ба таври доимӣ пайванд дод, балки дилҳои сокинони мамлакатро ба ҳамдигар боз ҳам наздиктар намуд. Рафтуомади сокинони кишвар осон гардида, дӯстӣ миёни онҳо равнақ ёфт ва дар солҳои охир раванди оиладоршавии ҷавонон аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бештар шуд. Агар аз як ҷониб, чунин ҳолат ба солимии миллат мусоидат намуда, аз никоҳи хешутаборӣ дар ҷомеа пешгирӣ намояд, аз ҷониби дигар, пайванди минтақаҳо вусъати тоза медиҳад, ки онро метавон пайванди ҷонӣ ном бурд. Ин равандро барои беҳтар намудани вазъи демографии кишвар низ истифода бурдан мумкин аст. Масалан, ба ноҳияҳои дар соҳаи кишоварзӣ рушднаёфта, аз ноҳияҳое, ки дар истифодаи замини кишоварзӣ таҷрибаи хуб доранд, арӯс овардан ва аз таҷрибаи хешовандони нав истифода кардан, хеле самарабахш аст. Дар замони шӯравӣ таҷрибаи фиристодани мутахассисони ҷавон ба шаҳру ноҳияҳо вуҷуд дошт, ки эҳёи он ба таҳкими ваҳдати миллӣ низ мусоидат менамояд.

Дар замоне ки душманони миллат ҳанӯз ҳам дар фикри барангехтани низоъ ҳастанд, бояд навхонадорони намояндаи минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аз ҷониби ҳукумати шаҳру ноҳияҳо ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёбанд.

Тавре маълум аст, имконият ва тавоноии рушди ҳама соҳаҳои ҳаёт дар кулли кишварҳои олам яксон нест. Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, неруи зеҳнӣ, қувваи корӣ, имкониятҳои молиявӣ, мавҷуд будани зербино ва дигар омилҳои тавонбахш ин ё он соҳа дар як гӯша нисбат ба гӯшаи дигар бештар рушд менамояд. Чунин раванд барои Тоҷикистон низ истисно нест. Масалан, беморон аз дигар манотиқи Тоҷикистон дар баробари муроҷиат ба шифохонаҳои шаҳри Душанбе ба шифохонаҳои шаҳри Турсунзода низ муроҷиат менамоянд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки табибон эътимоди беморонро ба даст овардаанд ва дар ҷумҳурӣ шуҳратманд гардиданд. Дар бахши табобати санаторӣ ва ташкили фароғатгоҳҳо вилояти Суғд дар ҷумҳурӣ пешсаф аст ва инро наметавон инкор намуд, зеро хизматрасонӣ ба мизоҷон ва маданияти хуби меҳмоннавозии мардуми вилоят аз ҷониби сайёҳони хориҷию ватанӣ сазовори баҳои баланд гардидааст. Аз ин ҷост, ки барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба сайёҳон дар дигар гӯшаҳои ҷумҳурӣ аз хидмати мутахассисони вилояти мазкур ва таҷрибаи онҳо васеъ истифода мегардад. Вилояти Хатлон яке аз манбаъҳои асосии барқи ҷумҳурӣ ба шумор меравад ва бо истифода додани хатҳои баландшиддати барқ миёни шимол ва ҷануби кишвар на танҳо ба пайвастшавии шабакаҳои барқии ҷумҳурӣ мусоидат намуд, балки ба амнияти энергетикии кишвар заминаи муҳим гузошт. НБО «Роғун» дар баробари суди иқтисодӣ доштан аҳамияти вижае дар муттаҳидсозии миллат низ дорад, зеро маҳз оғози ин сохтмон ҳазорҳо тоҷикро аз гӯшаҳои кишвар гирди ҳам овард ва онҳо паҳлу ба паҳлуи ҳам истода, дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллатро сармашқи кор қарор дода, афсонаи Роғунро ба ҳақиқат табдил доданд.





Дар бахши сайёҳӣ Бадахшон шиносномаи сайёҳии Тоҷикистон гардидааст. Ҳамоҳангсозии хатсайрҳои сайёҳӣ миёни ширкатҳои сайёҳии ватанӣ ҳамбастагии манотиқи гуногуни ҷумҳуриро тақвият дода, иқдоми нек дар рушди сайёҳӣ, муаррифии ҷумҳурӣ ва муҳимтар аз ин имконияти хуб дар иттиҳоди кишвар аст.

Ташкили донишгоҳу донишкадаҳои нав дар шаҳру вилоятҳо ва ба роҳ мондани низоми ягонаи қабул ба донишгоҳҳои ҷумҳурӣ тавассути Маркази миллии тестӣ низ ба раванди ҳамгироӣ дар ҷомеаи таъсири мусбат расонид. Дар натиҷа, теъдоди донишҷӯён аз дигар гӯшаҳои кишвар дар донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷу омӯзишгоҳҳои минтақавӣ афзоиш ёфта, дӯстӣ миёни ҷавонон равнақ ёфт. Хулоса, ҳамбастагӣ омили пойдориву пешрафти ҷумҳурӣ буда, тараққиёти соҳаҳои гуногун дар кишвар равнақи бештар мегирад.

**Суҳроби МИРЗОАЛӢ,**
**дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410769 | КВД «Сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ» | Сохтмони бино ва иншоот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.08.2022 15:15:00 |
| 2 | 410748 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №45»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.08.2022 16:10:00 |
| 3 | 410802 | КВД «Сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ» | Таъмири ҷории муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.08.2022 09:55:00 |
| 4 | 410804 | Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов | Таъмири ҷории бинои таълимӣ ва биноҳои қитъаи таълимии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.08.2022 14:30:00 |
| 5 | 410770 | Муассисаи давлати «Тоҷикфилм» | Таъмир ва таҷдиди асосии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 15:20:00 |
| 6 | 410771 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Газонокосилка, асбоби дастӣ, триммер, гулҳои мавсимӣ, заҳрхимикат ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 25.08.2022 15:45:00 |
| 7 | 410768 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тухми мурғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.08.2022 16:00:00 |
| 8 | 410772 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 16:00:00 |
| 9 | 410773 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №53»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 25.08.2022 16:00:16 |
| 10 | 410764 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Гулҳои мавсимӣ ва нурӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 25.08.2022 16:40:00 |
| 11 | 410776 | Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо»-и вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 82 | 25.08.2022 16:45:00 |
| 12 | 410780 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 25.08.2022 16:55:00 |
| 13 | 410775 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.08.2022 17:02:58 |
| 14 | 410783 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Маводи канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 25.08.2022 17:10:00 |
| 15 | 410778 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Битум ва кузбасслак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 25.08.2022 17:30:00 |
| 16 | 410784 | Идораи сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷакент | Азнавсозии кӯчаи Терешковаи шаҳри Панҷакент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 17:30:00 |
| 17 | 410785 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Карамгул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.08.2022 17:30:00 |
| 18 | 410782 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Битум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.08.2022 17:40:00 |
| 19 | 410786 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таҷҳизоти равшанидиҳанда (прожектор) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.08.2022 18:00:00 |
| 20 | 410787 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои системаи ҳавотозакунии чойхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 18:00:00 |
| 21 | 410788 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои санъати тасвирии толори чойхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 18:00:00 |
| 22 | 410789 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони Қасри фарҳанг дар маркази шаҳри Истаравшан, маҳаллаи О. Лутфӣ (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 18:00:00 |
| 23 | 410790 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Толори варзишӣ дар назди МТМУ №2-и ноҳияи Айнӣ (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои заминӣ ва оҳану бетонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 18:00:00 |
| 24 | 410791 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қитъаи алоҳидаи хиёбони ба номи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Хуҷанд, марҳилаи аввал (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5500 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2022 18:00:00 |
| 25 | 410794 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникии №11»-и ноҳияи Шаҳринав | Хӯрокворӣ, таҷҳизоти техникӣ, маишӣ, видеоӣ, гипохлориди калсий ва инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 26.08.2022 08:20:40 |
| 26 | 410795 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Либоси махсуси кории зимистона, мӯзаи резинӣ, ҷорӯби ҳавлирӯбӣ, бел ва рӯдаи резинӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 26.08.2022 08:26:40 |
| 27 | 410796 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Неруҳои минералӣ, Парчам, ниҳоли гул, камзӯлчаи корӣ, семент, либоси гарми зимистона, мизи роҳбар, пардаҳои полиэтиленӣ, роҳаткурсии роҳбар ва порӯи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 26.08.2022 08:32:20 |
| 28 | 410797 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 26.08.2022 08:36:41 |
| 29 | 410799 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ҷорӯби ҳавлирӯбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.08.2022 08:41:52 |
| 30 | 410793 | Беморхонаи марказии ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.08.2022 09:00:00 |
| 31 | 410801 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барқарорсозии Пойгоҳи обкашии «Хоҷабулбулон» дар Ҷамоати деҳоти «Эсанбой» - и ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.08.2022 09:30:00 |
| 32 | 410800 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷори бинои баландошёна, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ 191 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.08.2022 09:35:00 |
| 33 | 410803 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №107-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таҷҳизоту лавозимоти синфхонаи химия ва физика | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 96 | 26.08.2022 14:00:55 |
| 34 | 410754 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Воситаҳои тамизкунанда, воситаҳои дезинфексионӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 26.08.2022 14:30:00 |
| 35 | 410806 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 26.08.2022 14:50:41 |
| 36 | 410805 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 26.08.2022 14:51:14 |
| 37 | 410808 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаи нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 97 | 26.08.2022 15:20:13 |
| 38 | 410807 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Доруворӣ ва реагенти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 89 | 26.08.2022 15:30:00 |
| 39 | 410774 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ҷорӯби калон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.08.2022 16:36:36 |
| 40 | 410777 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.08.2022 16:53:01 |
| 41 | 410779 | Муассисаи давлатии «Интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор» дар ноҳияи Ш. Шоҳин | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 26.08.2022 16:58:58 |
| 42 | 410781 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.08.2022 17:04:33 |
| 43 | 410792 | Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.08.2022 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

**аз 29 июни соли 2022, № 144, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба масъалаҳои таваққуфгоҳ 160.100.000**

Мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 114 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 2 моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ва банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, №250 тасдиқ гардидааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба масъалаҳои таваққуфгоҳ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ ва бахши ҳуқуқи вазорат фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

**Вазир Азим ИБРОҲИМ**

**Шакли пурраи «Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба масъалаҳои таваққуфгоҳ 160.100.000» дар сомонаи расмии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mintrans.tj ҷой дода шудааст.**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи Р/Б №1177 аз 19 июли соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0391842-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2010 ба Ҳайдаршоҳи Ҷаббор додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи Т- ШТА № 0117565-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 34-и ноҳияи Қубодиён соли 2007 ба Расулзода Гулрухсори Мирзовали додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 042818-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Қубодиён соли 1992 ба Ходжаев Кахрамон Таджимуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0560752-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Файзобод соли 2012 ба Сафарова Саида Анваршоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкории № 0328439, РЯМ 1830080762-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2017 ба Камаров Сироҷиддин Насриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи АБ № 077710-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 52-и И. Сомонии шаҳри Душанбе соли 2000 ба Ҳасанов Дилшод Ёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ, дафтари ҳавлӣ, шаҳодатномаи бақайдгирии № 57647, манзилнома, шартномаи хариду фурӯш бо суроғаи маҳаллаи Испечак 2, М 26, бинои 5, ҳуҷраи 12, мутааллиқ ба Махсумов Қозӣ, эътибор надоранд.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 3630063296, РМА 365006711-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷайҳун соли 2018 ба Шоев Муҳридин Саидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои бинои истиқомати ҷудогона (квартира)-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2020 бо суроғаи деҳаи Испечак, бинои 14, ҳуҷраи 112 ба Қурбанова Гулнигор Хайридиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ таҳти қайди 30826-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 9 июли соли 1996 бо суроғаи гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Ғафуров, бинои 8, ҳуҷраи 2 ба Фарангиси Рустам додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 8Ш-2569-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24 июли соли 2019 ба Фарангиси Рустам додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Бизнес ресурс групп», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РМА 020023292 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ буда, онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Коллективи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Маҳмудов Абдуваҳоб нисбати вафоти**

**БАРОДАРАШ**

**таъзия баён намуда, ба пайвандонашон аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Фозилов Раҳматшо Маҳмадовович нисбати вафоти**

**МОДАРАШ**

**таъзия баён намуда, ба хешу пайвандонашон аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи далатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 8 августи соли 2022, соати 15:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдори шумора
Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров